ИҚТИБОС АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №2-2

шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 дар назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ИМО,ГЭ ва Э АМИТ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм

аз 23 январи соли 2024 ш. Душанбе

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 11 нафар.

**Раиси шурои диссертатсионӣ:** Амирзода О.Ҳ., доктори илмҳои техникӣ, дотсент.

**Иштирок намуданд:** Амирзода О.Ҳ., д.и.т., дотсент, раиси шурои диссертатсионӣ; Фазылов А.Р., д.и.т., дотсент, муовини раиси шуро; Қодиров А.С. н.и.т., х.к.и, котиби илмии шуро; аъзоён: Азизов Р.О., д.и.т., профессор; Давлатшоев С.Қ., н.и.т.; Муртазоев У.И., д.и.г., профессор; Носиров Н.К., д.и.т., х.к.и.; Пулатов Я.Э., д.и.к., профессор; Раҳимов И.М., н.и.т., х.к.и.; Сафаров М.М. д.и.т., профессор; Ҳасанов Н.М., д.и.т., дотсент.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

§2. Оид ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ **Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди гидроэнергетика (дар мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия.

Аз руйи масъалаи 2-ум Амирзода О.Ҳ. - раиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди ИМО,ГЭ ва Э АМИТ баромад намуда, ба Пулатов Я.Э., д.и.к., профессор, раиси комиссия оид ба экспертизаи диссертатсияи Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир дар мавзӯи «Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди гидроэнергетика (дар мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ҷиҳати ироа намудани натиҷаи экспертиза суханро пешниҳод намуд.

Пулатов Я.Э. баромад намуда, оид ба паҳлуҳои асосии диссертатсия ва мутобиқ будани он бо муқарраротi ҷорӣ суханронӣ намуд.

Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир дар мавзӯи «Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди гидроэнергетика (дар

мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон)» кори диссертатсионӣ иҷро намуда, дар таҳқиқоти мазкур нишон додааст, ки новобаста аз муваффақиятҳои дар солҳои охир бадастомада дар соҳаи энергетикаи Тоҷикистон, масъалаи таъмин намудани деҳот ва умуман соҳаи кишоварзӣ бо энергияи электрикӣ, хусусан мавзеъҳои аҳолинишини дурдаст ва куҳии мамлакат, бо пуррагӣ ҳаллу фасл нагардидааст ва чунин ҳолат вазъиятро дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ мураккаб мегардонад ва яке аз роҳҳои муътадил гардонидани вазъияти баамаломада, метавонад бунёди неругоҳҳои барқи обии хурд (НБОХ, миниНБО, микроНБО) бошад, ки тавассути истифодаи самараноки иқтидори энергетикии дарёҳои хурду каналҳои ирригатсионии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илмӣ дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

Кори диссертатсионии Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир дар мавзӯи «Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди гидроэнергетика (дар мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия барои ҳимоя дар Шурои диссертатсинонии 6D.КОА-059 назди ИМО,ГЭ ва Э АМИТ қабул карда шавад.

Комиссия пешниҳод менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

**- Муҳаббатов Холназар,** доктори илмҳои география, профессори кафедраи методикаи таълими география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**- Қурбонализода Саидабдулло Шамсулло,** номзади илмҳои техникӣ, Сардори Раёсати эътимодият ва манбаъҳои барқароршавандаи энергияи Сарраёсати баҳрабардории неругоҳҳо ва тақсимоти барқи ҶСК "Барқи тоҷик".

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Данғара** тасдиқ карда шавад.

Мутобиқи банди 60, Замимаи 2- и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 с., №295 комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки эълони ҳимояи диссертатсияи Ализода А.А. дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИМО,ГЭ ва Э АМИТ ҷой дода, автореферат чоп ва мутобиқи муқарароти қабулшуда ирсол карда шавад.

**Ба овоз монда шуд:**
**тарафтори – 11 нафар; зид –нест; бетараф – нест.**

**Пас аз овоздиҳи ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Ҷиҳати гирифтани розигии муқаризони расмӣ ва муассисаи пешбар мактуби расмӣ ирсол карда шавад.
2. Барои нашр ва ирсоли автореферат тибқи муқаррароти ҷорӣ иҷозат дода шавад.
3. Рӯзи ҳимоя таърихи 16 апрели соли 2024, соати 11:00 муқаррар карда шавад.
4. Хулосаи комиссияи экспертӣ ба маълумот гирифта шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА-059, доктори илмҳои
техникӣ, дотсент Амирзода О.Ҳ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии
6D.КОА-059, номзади илмҳои техникӣ
ходими калони илмӣ Қодиров А.С.

Имзоҳои д.и.т., дотсент Амирзода О.Ҳ. ва н.и.т., х.к.и., Кодиров А.С.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири Шуъбаи кадрҳо ва
коргузории ИМОГЭваЭ АМИТ Холназарова З.Д.